# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба рисолаи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик.- Душанбе, 2023.-176 саҳ.**

Мавриди зикр аст, ки баробари дигар шудани сохтори ҷомеа, баъзе меъёрҳои шинохти адабиёт ва ҳунар аҳаммият ва ҷойгоҳи худро тағйир медиҳанд. Дар ин росто назари адабиётшиносон роҷеъ ба осори гузаштагон ва имрӯзиён ва ҳатто меъёрҳои шинохти онҳо дар заминаи арзишҳои миллӣ вежагии тоза пайдо мекунад. Ин шаҳодат бар он аст, ки аҳли сухан ва адаб дар замони Истиқлол нисбат ба замони шуравӣ дидгоҳи илмию эҷодии худро фарохтар намуда, биниши илмии худро бо донишҳои муосири илмӣ мутобиқ менамоянд. Бинобар ин, айни замон дар бораи дастовардҳои адабиёт сухан ба миён овардан аз муҳаққиқони имрӯз масъулияти баланд ва дидгоҳи тозаи пажӯҳиширо тақозо менамояд. Ин нукта ишора бар он аст, ки осори таҳқиқию пажӯҳишии гузаштаи дури муҳити адабии гузаштагонамонро, ки дар асоси арзишҳои даврони шӯравӣ шинохта шудаанд, чун қонуниятҳои асосии таҳқиқ пазируфта, роҳи минбаъдаи илму адаби миллиро такя бар меъёрҳои илмии онҳо муайян намудаанд. Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ дар рисолаи таърихии худ “Адабиёти садаи бисти тоҷик” аз муҳаққиқони ояндаи илму адаби тоҷик даъват намудаанд, ки дастовардҳои адабию илмии даврони шӯравиро дар заминаи арзишҳои миллӣ бори дигар аз дидгоҳи нав ва биниши тоза дар баррасиҳои илмӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор дода шаванд.

Ҳамин аст, ки диссертатсияи мавриди назар ба омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии Мунҷики Тирмизӣ, ки яке аз барҷастатарин намояндаи ҳавзаи адабии Чағониён аст, бахшида шудааст, ки фарогири дидгоҳи тозаи илмӣ мебошад. Ҳавзаи адабии Чағониён ки як ҷузъи таркибии муҳити адабии Сомониёнро ташкил медод, дар ташаккули адабиёти асри X ва ибтидои асри XI форсии тоҷикӣ саҳми барҷаста дорад.

Диссертант Жамшид Жумакулов пас аз омӯзишу баррасии сарчашмаҳои адабию таърихӣ ба хулосае меояд, ки “*пас аз шикасти давлати Сомониён* маҳз тавассути ҳамин ҳавзаи адабӣ, ки беш аз ним аср фаъолият кард, машъали шеър ва забони порсӣ фурӯзон нигоҳ дошта шуд”(саҳ.3). Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои илмию адабию таърихӣ возеҳу равшан аст, ки баъди тохтутозҳои аҷнабиён ба қаламрави давлати Сомониён бештари осори хаттии ин маҳдудаи ҷуғрофӣ нобуд шуда, аз он мероси гаронбаҳо миқдори кам боқӣ

мондааст, ки ба назари муҳаққиқ  Жамшид Жумакулов “ашъори Мунҷики Тирмизӣ низ аз он мустасно нест” (саҳ.3).

Абуҳасан  Алӣ бинни Муҳаммад Мунчики Тирмизӣ аз шуарои нимаи дувуми қарни XI аст. Вай баъд аз Дақиқӣ дар дарбори  Чағониён ба сар бурдааст. Ӯ шоире забоновару суханпардоз ва некӯхаёлу балеғ ва нуктадон будааст, ки Муҳаммад Авфии Бухороӣ каломи  Мунҷикро аз рӯйи инсоф бад –ин гуна  васф кардааст: “Шеъри  ғарибу алфозе хуб ва маъонии бикру ибороти балеғ  ва истиороте нодир” дорад.

Девони Мунҷик дар қарни XII дар Эрон машҳур буда, мавриди истифодаи аҳли шеъру адаб қарор доштааст, ки   Носири Хусрав достони истифодаи Қатрони Табрезиро аз он девон дар “Сафарнома”-и худ овардааст.Мунҷик илова бар қудрате, ки дар мадҳ ва сохтани  қасоиди бузурги мадҳӣ дошт, дар ҳаҷву ҳазл низ саромади шоирони аҳди худ шумурда мешуд ва ба қавлиРизоқулихони  Ҳидоят: “Касе  аз тири таънаш нарастӣ ва аз каманди ҳаҷваш наҷастӣ...”.

Рисолаи муҳаққиқи ҷавон  Жамшид Жумакулов дар партави  ҳамин гуна ҳадафҳои наҷиб таҳия гардидааст. Зеро муҳити адабии Чағониён ва рӯзгору осори шоирони ҷудогонаи он ба сабаби камии осори боқимонда ба дараҷаи зарурӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Ҳол он ки баъзе тамоюлҳои инкишофи адабиёти ин давра ва мухтассоти ҳунари шоирии адибони ҷудогонаи он, бахусус Мунҷики Тирмизӣ на фақат ҳамчун падидаи адабии он аҳд муҳим ба назар меояд, балки дар таҳаввулу ташаккули минбаъдаи адабиёти форсии тоҷикӣ низ таъсиргузор мебошад.

Вижагии дигари рисолаи Жамшид Жумакулов ин аст, ки   бори нахуст рӯзгору осори Мунҷики Тирмизиро ба таври комил мавриди  омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, рисолаи  шоистаи илмиро ба аҳли илм пешниҳод кардааст. Муҳаққиқ дуруст менигорад, ки  осори боқимондаи шоир ниҳоят кам аст ва маълумоте, ки дар манобеи адабӣ, хусусан тазкираю баёзҳо оид ба Мунҷик вуҷуд дорад, мазмунан яксон буда, ҳамдигарро такрор мекунанд. Аз ин ҷиҳат,  диссертант дар баробари маълумоти сарчашмаҳои адабӣ, ба баъзе ишораҳои шоир, ки дар қасоид ва ашъори ҷудогонааш боқӣ мондаанд, такя карда, ба бисёр паҳлуҳои норавшани зиндагинома ва  фаъолияти адабии Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён  равшанӣ андохтааст.

Муҳаққиқ бо мушоҳидаҳои дақиқ ва мубоҳисаҳои хеле муҳим арзиши илмию фарҳангии осори адабии Мунҷики Тирмизиро ба риштаи таҳқиқ кашида, онро яке аз дастовардҳои  асосии ҳаёти адабӣ ва манбаи муҳимми шинохти афкори адабӣ  дар ҳавзаи адабии Чағониён  меҳисобад. Баъзе паҳлуҳои мавзуи мавриди назар дар рисолаву мақолоти баъзе муҳаққиқон ба

назар расад ҳам, вале гузориши масъалаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва назарӣ дар адабиётшиносии даврони Истиқлолият муҳим мебошад.

Рисолаи Жумакулов Жамшид Панжиевич **“Мунчики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI ”** унвон дошта, он аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, онро аз рӯйи маводи пажӯҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқотиилмии анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Муқаддимаи рисола тибқи муқаррарот таҳия шуда, дар он муҳиммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуи тадқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола, аҳаммияти илмию амалии тадқиқот, навоварӣ ва масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, хеле мубрам ва амиқ нишон дода шудааст.

Боби якуми рисола “**Муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI”** ва фасли аввали он “**Баррасии мухтасари вазъи ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Чағониён**” ном дорад. Дар ин қисмат муҳаққиқ баъди омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ дар асоси далелҳои муътамад ба чунин натиҷа мерасад, ки: “... ҳарчанд инқирози сиёсиву иҷтимоӣ ва афзудани зиддиятҳои дохилӣ боиси тадриҷан аз ҷиҳати сохтори давлатӣ суст шудани давлати Сомониён гардида бошад ҳам, вуҷуди ҳукумати маҳаллӣ ва амирнишини Чағониён ва хонадони Оли Муҳтоҷ далолат бар он дорад, ки аввалан ин ҳукумат ва амирони он дар тӯли солҳо такядори шоҳони Сомонӣ будаанд ва ба пешрафти он мусоидат кардаанд, сониян дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва суннатҳои арзишманди илмию адабӣ ва фарҳангии қавмҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикон саҳми бузург гузоштаанд”.

Фасли дувуми боби мавриди назар “**Вазъи адабии Чағониён**” ном дорад. Мавриди тазаккур аст, ки муҳаққиқон аҳаммияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷорию фарҳангии Чағониён ва табааи онро дар асрҳои X ва асрҳои XI барои минтақа муҳим арзёбӣ карда, нақши калидии хонадони Оли Муҳтоҷро, бахусус дар нигоҳдошти ҳавзаҳои илму адаби форсии тоҷикӣ ва ташвиқи шоирону нависандагон барои ҳифзу идомаи суннатҳои илмию адабии миллӣ дар давраҳои мураккаби ҳуҷуми бегонагон бузург ва таъсиргузор шинохтаанд.

Диссертант пас аз омӯзишу баррасии сарчашмаҳои адабию таърихӣ натиҷа мебардорад, ки “Воқеан хонадони Оли Муҳтоҷ дар як хиттаи кӯчаки Чағониёни Мовароуннаҳри он рӯзгор кореро анҷом додааст, ки хонадонҳои Оли Бурҳон ё Банӣ Моза дар Бухоро, Оли Хуҷанд ва Оли Соъид дар Исфаҳон, Оли Умрон дар Хуросон ва Низомулмулк дар вазорати Салоҷуқа сомон бахшидаанд. Ба таъбири дигар, ин хонадони босалоҳият дар ҳифзи давлатдорӣ ва пешрафти иҷтимоию фарҳангии Сомониён нақши калидӣ доштааст”. Ба ин далел, маҳз ҳамин фазилати ҳунаршиносии хонадони Оли

Муҳтоҷ боис шудааст, ки шоирони нағзгӯи латифтабъе мисли Дақиқию Мунҷик, Бадеъи Балхию Лабибӣ ва Фаррухӣ рӯ ба ин даргоҳ оваранд ва мавриди таваҷҷуҳи подшоҳи вакт воқеъ шаванд. Ҳамзамон ҳолу ҳавои ин водӣ ва муҳити адабии он ба таҳаввули андешаву ҳунари шоирони зикршудаи муҳити адабии Чағониён мусоидати комил кардааст, ки мисолаш намунаи осори дар ҳамин маҳдудаи ҷуғрофиёӣ ва макону замони мушаххас таълифкардаи ин суханварон мебошад. Ин бузургтарин хидмати ҳунардӯстона ва инсонпарваронаи амирони чағонист, ки зиндагӣ ва ҳунари беҳтарин шоирони аҳдро ҳифз намуданд ва ба ин васила таҳаввул ҳам бахшиданд, ки дар диссертатсия бо далелҳои муътамади мантиқию илмӣ асоснок гардидаанд.

Боби дуюми рисола **“Мунҷики Тирмизӣ ва осори адабии ӯ”** унвон дошта, фасли аввал “**Шарҳи ҳол, мероси адабӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии эҷодиёти шоир**”ва фасли дувум “**Тасвирҳои шоирона дар шеъри Мунҷик (сабк, забон ва тарзи баён, поэтика)”** номгузорӣ шудаанд. Роҷеъ ба муайян наамудани шарҳи ҳол, мероси адабӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии эҷодиёти шоир аз сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва мақолаву асарҳои таҳқиқотии Забеҳуллоҳи Сафо, Аҳмад Идорачии Гелонӣ, Маҳмуди Мудаббирӣ, Эҳсон ШаворибииМуқаддам ва баъзе аз осори дигар маълумот оварда шудааст.Ҳамзамон дар рисола, ҷо-ҷое муҳаққиқдомани баҳсро кушодааст. Диссертант менависад, ки оид ба шинохти ном ва асли Мунҷик иштибоҳоте низ сурат гирифтааст. Масалан, аллома Қазвинӣ ҳангоми ёд аз ин шахсият исми Муҳаммад ибни Мунҷак ибни Абубакр ибни Мунҷаки кабир ва ду тани дигар аз ҳушмандони ҳамон тоифаро зикр карда, сипас навиштааст, ки “...шояд рабте дошта бошад иштиқоқан ин исм бо исми Мунҷики худамон”. Номе, ки Нафисӣ онро ба сурати Мунҷак ва Мунҷик ҳар ду оварда ва “зоҳиран туркӣ” гумон кардааст ва падар ва писареро, ки “...аз туркони дастнишондаи мамолики Миср дар Шом” будаанд, ба ин ном баршумурдааст (саҳ.45).

Дар муайян намудани шарҳи ҳол ва мероси адабии Мунҷики Тирмизӣдиссертант Жамшид Жумакулов ҷасурона таъкид медорад, ки: “Мо он нуктаҳое, ки ҳам аз ҳайси илмӣ ва ҳам аз лиҳози адабӣ муҳимманд, вале Эҳсон Шаворибии Муқаддам ба онҳо ишора накардааст, мавриди баррасӣқарор медиҳем.

Бо дарназардошти ҳамин ақида муҳаққиқи ҷавон Жамшид Жумакулов сарчашмаҳое, ки ашъори Мунҷик дар онҳо ба таври пароканда омадаанд, чунонки ишора шуд, онҳоро ба 6 бахш тақсим мекунад: 1) тазкираҳо, 2) ҷунгҳо, 3) кутуби балоғӣ, 4) фарҳангҳо, 5) соири манобеи қадим ва 6) манобеи мутаохир (саҳ.52).

Бояд гуфт, ки дар ин фасл диссертант кӯшиш намудааст, ки дар асоси сарчашмаҳои қадим, луғатномаҳо ва таҳқиқоти дар зимн мавҷуда ном, куния, ҷои таваллуд, мақоми шоирии Мунҷики Тирмизиро дар муҳити адабии Чағониён мавриди баррасиқарор дода, то ҷое ҳамаи назарҳороҷамъбаст намуда, ба натиҷаҳои дурусти илмию мантиқӣ расидааст.

Дар фасли дувуми боби мавриди назар муҳаққиқ кӯшидааст, ки дар заминаи мероси боқимондаи шоир шинохт ва арзёбии ҷанбаҳои бадеӣ ва тарзи нигориши ӯ дар шеъри давраи мавриди таҳқиқ ва чеҳраи хоси ҳунарӣ доштаи Мунҷики Тирмизиро бо далелҳои муътамад нишон диҳад. Ба ин далел, дар ин фасл таҳқиқ ва баррасии усули тасвиргарӣ ва равишҳои зебоишинохтии таҷрибаи шеърии Мунҷикро мавриди таҳқиққарор додааст.

Жамшид Жумакулов пас аз омӯзишу баррасии ҳаматарафаи ашъори боқимандаи шоир ба чунин натиҷа мерасад, ки: “Дар ҳақиқат, Мунҷики Тирмизӣ дар асри хеш чеҳраи тозаи ҳунари шоирӣ буда, бегумон Муҳаммад Авфӣ ӯро “аз соҳирони шоирон” наномидааст. Дар ин арзёбӣ, пеш аз ҳама, навии шеър, хубии алфоз, маонии бикр, ибороти балеғ ва истиороти нодири шеъри Мунҷик мавриди таваҷҷуҳи Авфӣ будааст. Авфӣ бо таъбирҳои “шеъри ғариб” ва “истиороти нодир” ба услуби шеърии Мунҷик низ ишораи сареҳ доштааст” (саҳ.62).

Мунҷики Тирмизӣ бо тарзи тозаи тасвир, аз ҷумла интихоби истиора ба ҷои ташбеҳ баёни шеъриро кӯтоху пурмаънӣ карда, пешвои сабке шинохта шуд, ки баъд аз ӯ мисли Абулфараҷи Руниву Масъуди Саъд пайравони содиқе дошт. Тарзи тасвир, бахусус тарзи корбурди истиора дар таҷрибаи шеърии ӯ тозагии бисёр дошта, дар асрҳои баъд низ мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифтааст, ки дар диссертатсия бо далелҳо нишон дода шудааст.

Муҳаққиқ Жамшид Жумакулов пас аз омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ашъори боқимондаи Мунҷики Тирмизӣ дар рисола ба чунин натиҷа мерасад, ки: “Дар шеъри Мунҷик тамоми вижагиҳои сабки хуросонӣ ва тарзи табиии гӯйиши мардуми Мовароуннаҳру Хуросон дарҷ аст. Он чи ҷилваҳои ҳунарашро арзишманд кардаанд, лутфи ширин ва ибдооти ӯст, ки ҳанӯз барои соҳибони ин забон фаҳмост. Таъбирҳои шеъраш дилнишин буда, лафз қолаби маънист ва ҳамоҳангии қолиб ва дарунмояи осораш хонандаро ба тасдиқи асолати шеъри ӯ ва бузургдошти мартабаи шоириаш мекашонад” (саҳ.80).

Боби сеюми рисола “**Осори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ**” ном дошта, фарогири фаслҳои “**Қасидаҳои Мунҷик**”, “**Марсияҳои Мунҷик”, “ Ҳаҷву мутоиботи Мунҷик”** ва **“ Абёти парокандаи Мунҷик”** мебошад.

Бино ба маълумоти муҳаққиқ дар боби мавриди назар маълум мегардад, ки 12 қасида аз шоир боқӣ мондааст, ки то ба замони мо дар шакли нотамом омада расидаанд ва аз лиҳози ҳаҷму сохтор гуногунанд. Комилтарин қасидаи шоир, ки бо номи "Ломия" низ маъруф аст, дорои 44 байт буда, бо матлаъи зер оғоз мешавад:

Маро зи дида гирифт офтоби хоб завол,
Куҷо барояд хайли ситорагони хаёл.

Инчунин, ду қасидаи 11 байтӣ, ду қасидаи 8 байтӣ, як қасидаи 12 байтӣ, як қасидаи 7 байтӣ ва як қасидаи 4 байтӣ боқӣ мондааст, ки дорои матлаъ мебошанд. Инчунин, 3 қасидаи дигар дар ашъори бозмондаи шоир ба назар расида, ки байти матлаъ надоранд.

Ба андешаи муҳаққиқ Жамшид Жумакулов мамдуҳони қасидаҳои Мунҷики Тирмизӣ подшоҳони дудмони Чағониён амир Абулмузаффар Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ ва амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазл ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷи Чағонӣ ва шоҳзода Абумуҳаммади Аббос мебошанд, ки эҳтимол меравад, бародари Тоҳир ибни Фазл аст. Инчунин ба номи Абдуллоҳ, ки худи шоир ӯро "ашрофи даҳр" номидааст, мадҳе гуфта, ки амир Абулмузаффар аст. Ҳарчанд тибқи ахбори сарчашмаҳо шоир дар охири умраш ба дарбори Ғазнавиён даъват шуда, вале дар ин маврид ҳеч қасидае боқӣ намондааст.

Қасидаҳои Мунҷики Тирмизӣ дар сабки хуросонӣ суруда шуда, мисли дигар муосирони ӯ мазмунан мадҳӣ буда, ба ситоишу тамҷид ва мадҳу санои амирони Оли Муҳтоҷ махсус гардонида шудаанд. Яке аз мазиятҳои қасоиди Мунҷик аз он иборат аст, ки аз лиҳози корбасти вожагон, таъбирҳои мардумӣ, иборахои рехта ниҳоят пурмоя ва рангин аст.

Ҳамзамон Жамшид Жумакулов таъкид мекунад, ки Мунҷик яке аз саромадони навъи адабии ҳаҷв дар рӯзгори хеш будааст. Ҳаҷву мутоибаҳои ӯ нишонрас, ҳадафманд ва коромад буда, чунонки Ризоқулихони Ҳидоят менависад: "касе аз тири таънаш нарастӣ ва аз каманди ҳаҷваш наҷастӣ".

Ҳамчунин дар абёти мутафарриқае, ки аз Мунҷик бозмондааст, муҳаққиқ аз тозагиҳои зиёде бозгӯ мешавад ва иброз медорад, ки шеъри Мунҷик бо лафзи хубу маънии бикр, ибораҳои балеғ ва истиораҳои нодир дар миёни ашъори ҳамасронаш шинохта ва эътироф гардидааст ва бадеънигороне чун Муҳаммад Умари Родуёнӣ ва Рашиди Ватвот дар саргаҳи илми бадеъи форсии тоҷикӣ аз абёти ӯ барои санъатҳои бадеъӣ намунаҳои зиёдро шоҳид овардаанд, ки ин бешак аз иштиҳори шеъри ӯ дар адаби форсии тоҷикӣ дарак медиҳад.

Дар нисбати фишурдаи рисолаи мазкур ҳаминро қайд кардан ба мавриди аст, ки он моҳияти рисолаи мазкурро пурра ифода мекунад ва сабку забони

он ҳам ба талаботи илмӣҷавобгӯй мебошад. Бо вуҷуди ин, дар фишурда баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва забонӣ ба назар мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии муосир бори аввал мавзуи " Мунҷиқи Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI" дар шакли рисолаи алоҳида таҳқиқ шуда, дар он омӯзишу баррасии илмии масъалаҳои алоқаманд ба назми асрҳои X ва XI сурат гирифтааст, кипажӯҳиши тоза ва анҷомёфта мебошад.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар тадқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Ба назари мо, муҳаққиқ бояд ба фаъолияти адабии Мунҷиқи Тирмизӣ аҳаммият дода, ҷойгоҳи ӯро дар адабиёти форсии тоҷикии асрҳои мавриди назар ҳамчун шоири тозакор густурдатар нишон медод.

2. Аз маводи таҳқиқии боби сеюм бармеояд, ки Мунҷики Тирмизӣ дар сурудани қасида дасти қавӣ доштааст. Аммо муҳаққиқ дар қасидаҳои шоир мавзуи мадҳро баррасӣ намуда, роҷеъ ба ҳунари шоирӣ ва тозакориҳои ӯ дар ин навъи шеър кам таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Хуб мешуд, ки чеҳраи шоирии Мунҷикро дар миёни ҳамзамононаш бо овардани шавоҳид муайян менамуд.

3. Муҳаққиқ сабку услуби Мунҷикро дар сурудани шеър бо Фаррухӣҳамвазн медонад ватаъкид мекунад, ки "дар шеъри ӯ тозакориҳои зиёде ба назар мерасад". Аммо барои асоснок шудани иддаояш дар диссертатсия далоили кофӣ пеш намеорад.

4. Муҳаққиқ менигорад, ки "... шоири асри XII Сӯзании Самарқандӣ, ки дар ҳаҷв маҳорати тамом дошт, худро бо Мунҷик муқоиса мекунад. Ин, албатта, гувоҳи он аст, ки сухани Мунҷик дар ҳаҷв мақоми шомих доштааст". Вале хуб мешуд, ки муҳаққиқ ин ҷо муайян менамуд, ки дар осори ҳаҷвии Сӯзанӣ таъсирпазирӣ аз Мунҷик ба амал омадааст ё на?

5. Дар диссертатсия ва фишурдаи он нуқсони техникӣ, имлоӣ ва услубӣ зиёд чашмгир аст. Масалан, дар диссертатсия ноҷуриҳои услубӣ дар чунин шакл ба чашм мерасад: "...дар бораи аҳволи Мунҷик шарҳи мухтасар оварда, баъзе намунаҳои шеърашро низ зикр <u>кардааст</u>, бо далелҳои муътамад ба субут <u>расонидааст</u>"(саҳ.7). Ё ин ки " Донишманди муаррихи тоҷик Аҳрор Мухторов" (саҳ.26), нуқонҳои имлоӣ : "маҷмӯъ" (сс. 27, 73,81); шурӯъ (саҳ.86, 87) ; абп (саҳ.107) (шакли саҳеҳи он асп аст) ва ғайра.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷуҳқарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳанд гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар мавзуи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи адабиётшиносӣ ва

забоншиносӣ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои ба чоп расонидаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01. – Адабиёти тоҷик комилан мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Жумакулов Жамшид Панжиевич таҳти унвони “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Муқаррizi расмӣ:
**номзади илмҳои филология,**
**дотсент, мудири кафедраи забон**
**ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи**
**давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи С.Айнӣ** **Боқиев Ҳамза Олимович**

**Нишонӣ: 734013,Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,**
**кӯчаи Помир, 136**
**Тел (+992) 935382604; (+992) 919002022.**
**E-mail: bokiev69@mail.ru**

**Имзои Ҳ.О.Боқиевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ:** **Р.Ҷаборзода**

**Нишонӣ:734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121**
**Тел:+992(37) 224-13-83**
**E-mail: info@tgpu.tj**
25.08.2023